**Тақриз**
**ба рисолаи номзадии Эсанов Муҳаммдашариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 –Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниход шудааст.**

Эсанов Муҳаммдашариф Давлатович соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудаст. Эсанов М.Д. ҳангоми иҷрои кори илмӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш, таҳқиқи рисолаҳои илмӣ ва воситаҳои илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмӣ қобилияти пешбурди кори илмӣ, масъулияти пурраи худро нишон дода тавонист. Дар давраи иҷрои кори илмӣ унвонҷӯ Эсанов М.Д. 16 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаи илмии тақризшавандаи Ҷкмҳурии Тоҷикистон) таҳия ва рӯйи чоп омадаанд.

Сатҳи дониш, усулҳои таҳқиқот ва хуҷҷатҳо оид ба таҳсилот пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Эсанов М.Д. ҷавобгӯи стандартҳои таҳсилоти олиии касбии қабулгардида мебошад. Натиҷаи асосии таҳқиқот ва нуктаҳои муҳими рисолаи илмии унвонҷӯ Эсанов М.Д. дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2018-2023 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи рисолаи илмии унвонҷӯ Эсанов М.Д. бо санад аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Марҳилаҳои иҷрои нақшаи рисолаи илмӣ, аз интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ таҳия ва иҷро шудааст. Ҳамчунин натиҷаҳои илмӣ назариявии рисолаи илмӣ ба сифати маводҳои таълимӣ, ҳангоми омоданамоии мутахассисони тахассусҳои иқтисодӣ, дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои “менеҷментти кадрӣ”, “менеҷмент”, “иқтисодиёти меҳнат”, “иқтисодиёти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ”, “назорати ҳайати кормандон”, “рафтор дар ташкилот”, “иҷтимоиёти

меҳантва усулҳои мушоаракати иқтисодӣ” ва дигар фанҳои ба инҳо монанд дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмии унвонҷӯ Эсанов М.Д. ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисттон аз рӯи самти ихтисоси 08.00.10 –Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат менамояд.

Аз таҳлили рисоали илмӣ бармеояд, ки ҳадави таҳқиқоти илмӣ таҳқиқ, таҳлил, арзёбӣ, тақвият ва тавсеаи асосҳои назариявию методӣ, такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳӣ ва коркарди тавсияҳою пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда мавриди таҳқиқ қарор дошта мебошад.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаи таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ Эсанов М.Д. имконият додааст, ки таҳлили амиқи раванди самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ бо истифода аз мезанизми ҳавасмандгардонӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ анҷом додааст.

Сохтор ва ҳаҷми рисолаи илмӣ, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Матни рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 182 саҳифа навишта шуда, аз 17-то ҷадвал, 15-то расм ва 5-то диаграммаро дар бар мегирад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методӣ дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионии бадастомада, дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Эсанов М.Д. имконият медиҳад, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми ҳавасмандгардонии самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳии кишвар мавриди таҳқиқ қарор гирифта, баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда шаванд.

Аҳамияти амалии рисолаи илмии унвонҷӯ, аз он иборат аст, ки хулосаи илмии бадастомада, имконият медиҳад, ки ширкатҳои сайёҳии

ҷумҳурӣ метавонанд ҳангоми асосноккунии самтҳои рушди соҳаи мазкур истифода баранд.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои рисолаи илмиии анҷомёфта ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳои асосӣ мухтасар баён гардидаанд. Дар маҷмуъ, рисолаи илмӣ аҳамияти кифоякунандаи илмӣ, назариявӣ ва амалиро доро буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои қарордошта мебошад.

Умуман рисолаи илмии унвонҷӯ Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 –Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, кори мустақилонаи анҷомдодашуда ва мантиқан ба итмомрасида буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Роҳабри илмӣ,
д.и.и., профессор, мудири
кафедраи идоракунии захираҳои
иноснии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаниев Т.Б.

Ғаниев Таварали Бобоевич
Тел: (+992) 907-70-40-77
E-mail: Prof.Ganiev@mail.ru

Имзои Ғаниев Т .Б.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
“05” 03 2024 Тавқиев Э.Ш.